# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзӯи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ)**

Диссертатсияи номзадии мазкур ба робитаи унсурҳои луғавии «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ ва лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ пойдормонда бахшида шудааст. Дар натиҷаи ба риштаи таҳлил кашидани дастаи калони ин гуна вожаву ифодаҳо муаллиф собит намудааст, ки аносири луғавии дар лаҳҷаҳои имрӯза мавҷуда ба таври тасодуфӣ пайдо нашудаанд, онҳо идомаи ҳамон калимаву ибораҳоеанд, ки дар гузашта мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки нахустин маротиба роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар лаҳҷаҳои фавқуззикри ҳозираи тоҷикӣ нишон дода шудааст, мақому мавқеи ҳодисаҳои фонетикӣ дар таҳаввулоти онҳо ошкор карда шуда, бартарияти боқимонии унсурҳои луғавии эрониасл нисбат ба иқтибосӣ инъикос гардидааст.

Раҳимов Абдулқосим дар фаслу зерфаслҳои се боби рисола дар заминаи маводи бойи гирдовардааш аз луғатномаи зикргардида тавонистааст нишон диҳад, ки ҳоло дар забони мардуми маҳалҳои мухталифи Тоҷикистон ва сокинони тоҷикзабони ҷумҳуриҳои дигар чунин воҳидҳои луғавӣ ё дар шакли ба асл наздик, ё бо дигаргунии фонетикӣ, ё ки бо таҳаввулоти муайяни маъноӣ гардиш мекунанд.

Муқоисаи маводи дар фарҳангномаи мавриди таҳлил зикргашта бо воҳидҳои луғавии дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ боқимонда нишон медиҳад, ки як қисми чунин калимаву ибораҳо ҳоло дар ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ, гурӯҳи дигар дар лаҳҷаҳои алоҳида ва ҳиссаи сеюм танҳо дар ин ё он лаҳҷаи алоҳида боқӣ мондаанд. Чунин ҳам шудааст, ки баъзе вожаҳои луғатномаи мавриди таҳлил имрӯз дар лаҳҷаҳои шимолӣ, ҳиссаи дигар дар лаҳҷаҳои ҷанубиву тоҷикони бурунмарзӣ истифода мегарданд.

Чунин аносири луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ мавҷуда ва дар байни мардуми имрӯзаи тоҷик боқимонда аз лиҳози мансубияти забонияшон ягона набуда, балки қисми бештарашонро вожаҳои эрониаслу иқтибосии арабиву туркӣ ва ҳиссаи камтарашонро вожаҳои забонҳои дигари эронӣ ва ҳиндӣ ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки маводи рисоларо метавон ҳангоми таълими курсҳои «Таърихи забонҳои тоҷикиву форсӣ», «Лаҳҷашиносии таърихӣ», курсу семинарҳои махсус мавриди истифода қарор дод. Инчунин натиҷаҳои рисола метавонад ба аспирантон дар таълифи рисолаҳои илмӣ кумак расонанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Муқоисаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10. 02. 20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ мувофиқат мекунад.

Мутолиаи **хулосаи таҳқиқ** далели он аст, ки дар ҳақиқат, муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои дар пеши худ гузошта ноил гаштааст. Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар 32 бандҳои хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқотро аз ҷиҳати илмӣ ва мушаххас ҷамъбаст намудааст, ки мазмун ва мӯҳтавои ҳар банд ифодагари фаслу зерфаслҳои диссертатсия мебошанд.

Бо вуҷуди ин, дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Новобаста аз ин, онҳо ислоҳпазир буда, дар коркарди минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

Диссертант оид ба рисолаи таҳқиқотӣ 12 мақола чоп намудааст, ки 4-тои он ба маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистони тавсияшуда мансуб мебошанд.

Автореферати диссертатсияи номзадии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович ва мақолаҳои нашршудаи вай мазмуну мӯҳтавои таҳқиқотро пурра ифода мекунанд.

Диссертатсияи мазкур дар мавзӯи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бандҳои 31-35и Меъёрҳои омодасозии диссертатсия) пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович сазовори гирифтани дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забонҳои Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо 10а
Тел.: +992 81881470
e-mail: madiba82@mail.ru

Имзои Бобоева М. М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Шарипова Д.А.